**СУРАТҶАЛАСАИ №8**

аз ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 26-уми декабри соли 2022 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ 8 нафар, аз рӯйи ихтисос 5 нафар

РӮЗНОМА

1. Дар бораи иҷозат ба ҳимояи диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), барои муайян кардани санаи баргузории ҳимоя, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:**

Гузориши раиси Шӯрои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. дар бораи пешниҳод гардидани хулосаи комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А. баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи Бобоева Иноятхон дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик» барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба талабот ҷавобгӯ буда, онро барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд. Инчунин профессор Шаропов Ш. А. қайд намуд, ки: "Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи рисолаи диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна ҳайати комиссияи экспертӣ номи мавзӯи рисолаи Бобоева Иноятхонро ҷузъан тағйир дод. (хулосаи комиссияи ташхисӣ замима мегардад).

Шӯрои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Неъматов Саъдулло Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муқарризи расмии дуюм - Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна,** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи коллеҷи

омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар - **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**.

3. Рӯйхати аъзои Шӯро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- Сабурӣ Х.М. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- Абдуллоева М.А. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- Азизов А.А. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- Шаропов Ш.А. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- Файзиев И.Д. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- Хоҷаева М.Ҷ. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 4-уми марти соли 2023, соати $9^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.